ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½. Тел.: + 992(37) 234-83-46, факс: + 992(37) 234-85-46, почтаи электронӣ: tguk@mail.ru, сомонаи расмӣ: www.tguk.tj

# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон рӯзҳои **26-27 апрели соли 2023** Конференсияи III-юми байналмилалии илмию амалиро дар мавзӯи **“Ҳуқуқ ва иқтисод: масъалаҳои мубрами ҳуқуқи тиҷоратӣ ва амнияти иттилоотӣ”** баргузор менамояд. Ба конференсияи мазкур намояндагони вазорату идораҳои дахлдор, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии кишвар ва олимону муҳаққиқон даъват карда мешаванд.

**Дар конференсия масоили зерин мавриди муҳокима қарор мегиранд:**

– масъалаҳои мубрами ҳуқуқи маданӣ дар алоқамандӣ бо қабули Кодекси нави мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– раванди ташаккул ва инкишофи низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– нақши иқтисоди дар муносибатҳои ҳуқуқи тиҷоратӣ ва соҳибкорӣ;

– ҳуқуқи оммавӣ: проблемаҳои ташаккул ва рушд;

– нақши ҳуқуқи ҷиноятӣ дар пешгирии ҷинояту ҷинояткорӣ дар шароити муосир;

– кибертаҳдидҳо ба амнияти миллӣ: масъалаҳои ҳуқуқии муқовимат бо он;

– танзими ҳуқуқии иттилоот ва таъмини амнияти он;

– раванд ва мушкилоти татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории миллӣ.

Маводҳои конференсия дар шакли маҷмӯаи мақолаҳо ба табъ расонида шуда, дар низоми ШИИР (РИНЦ), китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.RU ба қайд гирифта мешавад.

Дар ин замина, олимон, муҳаққиқон, магистрантҳо ва хоҳишмандоне, ки дар кори конфреренсия хоҳиши ширкат варзидан мехоҳанд, метавонанд то 23 апрели соли 2023 мақолаҳои худро ба суроғаи электронии tsuc.conf@gmail.com ирсол ва ё дар шакли электронӣ ба суроғаи 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, раёсати илм ва инноватсия манзур намоянд.

**Забони конференсия:** тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ

## ТАЛАБОТ НИСБАТ БА МАҚОЛАҲО:

Матни мақола бояд бо формати Microsoft Office Word, истифодаи ҳуруфи Times New Roman TOJ (бо забони русӣ - Times New Roman), фосилаи байнисатрии 1,5 андоза, ҳуруфи андозаи 14, ҳошияҳо: болоӣ ва поёнӣ – 20 мм, аз чап – 30 мм ва аз рост – 15 мм омода шуда, ба таври зайл пешниҳод гардад:

- дар тарафи рости саҳифа ному насаби муаллиф /муаллифон, дараҷаву унвони илмӣ, вазифа, ҷои кор ва e-mail навишта шавад;
- номи мавзӯъ дар байни саҳифа бо ҳарфҳои калон навишта шуда, матни пурраи маъруза ва рӯйхати адабиёт;
- иқтибосҳо дар қавсайнҳои квадратӣ бо нишондоди рақами тартибии адабиёт ва саҳифа ( масалан: [**2, с.42**]) оварда шаванд;
- расмҳо, тасвирҳо, диаграммаҳо ва схемаҳо бо формати **«bmp», «jpg», «dwg», «gif»** иҷро карда шуда, ҳатман ба онҳо ном гузошта шавад;
- ҳаҷми мақола набояд аз 5 саҳифа зиёд бошад.

Намунаи барасмиятдарории мақола


**Джабборов Ф.А.**
**Ҷабборов Ф.А.**
**Jabborov F.A.**

*Заведующий кафедрой экономического права Таджикского государственного университета коммерции, кандидат юридических наук, доцент*

*Мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент*

*Head of the Department of economic law of the Tajik state University of Commerce, candidate of legal Sciences, associate Professor*

E-mail: loik.halimov@mail.ru
Тел: +992 11 111 11 11
,


**КАЧЕСТВЕННЫЕ ИЗМЕНЕНИЯ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ СРЕДЫ В КОНТЕКСТЕ ЦИРОВОЙ ЭКОНОМИКИ**

**ТАҒЙИРОТИ СИФАТӢ ДАР МУҲИТИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ**

**QUALITATIVE CHANGES IN THE INSTITUTIONAL ENVIRONMENT IN THE CONTEXT OF THE DIGITAL ECONOMY**

*Аннотация:* (3-4 предложение)
*Ключевые слова:* (6-10 слов)

*Аннотатсия:* (3-4 ҷумла)
*Калидвожаҳо:* (6-10 калима)

*Annotation:* (3-4 sentence)
*Key words:* (6-10 words)

Матн......матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... матн...... [1, С. 255] матн...... матн...... [2, С. 255] матн...... матн...... матн...... матн........

АДАБИЁТ

1. А

Мақолаҳои иштирокчиёни конференсия, ки аз ҷиҳати мазмун ба талаботи дар боло зикргардида мувофиқат мекунад ва то 23 апрели соли 2023 пешниҳод мегардад, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмӯаи маводи конференсияи илмию амалии байналмилалӣ нашр карда мешавад.

Даъватнома барои иштирок дар конфронс то 25 апрели соли 2023 фиристода мешаванд.

**КУМИТАИ ТАДОРУКОТ**